**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ оид ба диссертатсияи Имамбердиева Саломат Менгликуловна дар мавзуи «Ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ**

Осори бадеии давраҳои гуногуни адабиётамон ганҷинаи пурғановатест, ки таҳқиқи онҳо барои афзудани сарвати луғавии забони адабии тоҷикиамон аз ҳар ҷиҳат мусоидат мекунад. Маълум аст, ки устод С. Айнӣ яке аз шахсиятҳои маъруфи миллати тоҷик аст, ки осори пурарзиши илмию бадеӣ офаридааст ва таҳқиқи илмии онҳо ҳам аз назари забоншиносию адабиётшиносӣ ва ҳам аз назари таърихшиносию фарҳангшиносӣ кайҳо шуруъ шуда, диққати садҳо нафар муҳаққиқро ба худ ҷалб кардааст. Бо вуҷуди ин, корҳои таҳқиқӣ доир ба осори устод С. Айнӣ дар ҳоли инкишоф буда, масъалаҳои зиёде муҳаққиқи худро интизоранд.

Унвонҷӯ Имамбердиева Саломат ба баррасии номвожаҳои осори устод С. Айнӣ даст зада, дар мавзуи «Ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ» диссертатсия пешниҳод кардааст, ки дар радифи дигар корҳои илмӣ-тадқиқотии марбут ба осори адиб яке аз масоили муҳимми илмӣ ба шумор меравад.

Ном ва номгузорӣ ба фарҳангу маданият ва фазлу дониш вобаста буда, маънавиёти мардум дар он таҷассум мегардад. Махсусан, номҳои одамон – антропонимҳо аз фазилати номгузор дарак дода, дар маҷмуъ менталитети миллатро нишон медиҳанд. Дар баробари ин, онҳо ҳамбастагию ҳамнишинии миллатҳоро инъикос карда, робитаи ҳасанаи миллатҳое, ки ҳамҷаворанд ва дар як марзу бум зиндагонӣ мекунанд ва аз ҳамдигар баҳраи маънавӣ мегиранд, дарак медиҳад. Доир ба антропонимҳои минтақаҳои Тоҷикистон ва асарҳои алоҳидаи адибонамон корҳои илмӣ-тадқиқотии зиёде сурат гирифта бошад ҳам, перомуни ономастикаи «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ ба таври васеъ ва

доманадор ва бо диди нави таҳқиқи илмӣ нашуда буд, ки ин холигиро муаллифи диссертатсияи матраҳшаванда Имамбердиева Саломат Менгликуловна пур кард.

Диссертатсия ва масъалаҳои матраҳшуда дар забоншиносии тоҷик кори комилан нав мебошад ва дар пешбурд ва инкишофи масоили марбут ба таҳқиқи ономасиологӣ саҳифаи нав боз менамояд.

Зимни таҳқиқ унвонҷӯ ба баррасии антропонимҳои ифодакунандаи мифонимҳо, асомии пайғомбарону чеҳраҳои динию таърихӣ, шоҳону шоҳзодагон, аъёну ашроф, адибону донишмандону фозилон, ҳунармандону пешаварон пардохта, нақши онҳоро дар номгузории манзараҳои табиат, тасвирҳои бадеӣ, ҳаводиси гуногуни таърихӣ, муассисаҳои таълимӣ ва нукоти маскунӣ нишон медиҳад. Номҳое, ки маъноҳои гуногуни услубиро ифода мекунанд, мавриди баррасии махсус қарор мегирад, ки ҷанбаи илмии корро пурратар мегардонад. Таҳлилҳои амиқи илмӣ дар бахши муайян сохтани баромади забонии калимаҳо мушоҳида шуда, аз рӯйи таҳқиқи унвонҷӯ маълум мегардад, ки дар ташаккули онимҳо забонҳои тоҷикию арабӣ, туркӣ-узбекӣ, русӣ-байналмилалӣ ва онимҳои омехта нақши асосӣ доданд, ин масъала бо ҷиддияти илмӣ омӯхта шуда, рӯйи кор омадааст. Сохтори морфологии онимҳои «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ дар боби алоҳида баррасӣ гардида, муайян мешавад, онҳо сода, сохта, мураккаб ва дар қолиби ибораҳо истифода шудаанд.

Навгонии кори муҳаққиқ дар он зоҳир мегардад, ки баррасии ономастикаи «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ бо диди нави илми муосир бори аввал сурат гирифта, барои муайян сохтани ҷойгоҳи номҳо дар таркиби луғавии асар ва мавқеи онҳо дар ташаккули маънавиёти миллӣ мусоидат мекунанд. Бори аввал дар сатҳи хуби илмӣ ифодагари маъноҳои гуногуни услубӣ доштани онимҳо собит гардида, мансубияти забонӣ ва сохтории онҳо баррасӣ шудааст, ки ба талаботи пешрафти илми муосир пурра ҷавобгӯ аст.

Бобҳои диссертатсия масоили матраҳшударо мантиқан пешниҳод менамояд ва онҳо якдигарро мукаммал менамоянд. Маводи баррасишудаи диссертатсия пурра аз «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ гирдоварӣ шуда, 433 ададро ташкил медиҳад. Таҳқиқу табақабандии мавод ба мақсаду вазифаҳои дар пешгузоштаи муҳаққиқ пурра мувофиқ аст.

Таҳқиқ дар асоси усулҳои илмии тасвирӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, мушоҳида, таҷзияву таҳлил, усулҳои фонетикӣ, маъноию услубӣ ва ғайра истифода шудааст, ки ба талаботи чунин корҳо муносиб аст. Зимни таҳлилҳо аз андешаҳои донишмандони соҳа барои тақвияти андеша истифода шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия ба таври мухтасар дастовардҳои илмии таҳқиқ дар 12 банд оварда мешавад. Маълум мегардад, ки номҳои дар асар истифодашуда тасодуфӣ набуда, ба таъриху маънавиёти миллиамон алоқаманд буда, қисми зиёди онҳо дар байни истифодабарандагон маъруфу маҳбубанд ва ба расму оини мо мувофиқат карда, барои муайян намудани муносибати пайвандии наслҳо, нажод ва ҷиҳатҳои генетикии мардум мусоидат кардаанд.

Дар маҷмуъ рисола ба забони хуби илмӣ навишта шуда, дастоварди нави илмӣ ба шумор меравад.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия мустақилона эҷод гардида, фикру андешаҳо зина ба зина пешниҳод гардида, мантиқан такмилдиҳандаи якдигар буда, дорои мазмуну муҳтавои ягонаи илмӣ мебошанд. Хулосаю натиҷаҳо ва мақсаду вазифаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия шаҳодат медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мувофиқ мебошад.

Хулосаҳо ва натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва тавсияҳои муаллиф дар 10 мақолаи муаллиф, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, ба мазмун ва мавзуи кори диссертатсионӣ бевосита алоқамананданд. Автореферати диссертатсия мазмуну муҳтавои диссертатсияро ифода мекунад. Теъдоди мақолаҳои илмии нашркардаи унвонҷӯ ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

Дар диссертатсияи Имамбердиева Саломат Менгликуловна маводи истифодашудаи иқтибосӣ бо ишора ба муаллиф ё маъхаз пешниҳод гардидааст. Ин гувоҳи он аст, ки банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ риоя гардидааст.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва муҳтавою моҳияти масъалаҳои асосии кор мунъакис шуда, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ муайян шудааст. Аҳамияти илмии таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши илмию амалии корро ба эътибор гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса меояд, ки диссертатсияи **Имамбердиева Саломат Менгликуловна** дар мавзуи **«Ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ»** кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва онро барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи **Имамбердиева Саломат Менгликуловна** дар мавзуи **«Ономастикаи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ»** кори анҷомёфта буда, барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро , ки корҳои илмӣ–таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.01.- Забони тоҷикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– Офаридаев Назрӣ – доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев;

– Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллои Рӯдакии АМИТ пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи авторефератбо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илми филология, дотсент,

узви шурои диссертатсионӣ Гадоев Н.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илми филология, профессор,

узви шурои диссертатсионӣ Қосимов О.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илми филология, узви вобастаи АМИТ,

узви шурои диссертатсионӣ Раҳматуллозода С.

**Имзои д.и.ф., профессор О. Қосимовро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси

ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б. Г.

Нишонӣ: 734019, ҶТ, ш. Душанбе,

к. Ф. Муҳаммадиев17/6

тел: (+ 992 37) 2-32-50-00.

Сомонаи расмӣ: www.ddzt.tj;

E-mail: ddzt@ ddzt.tj

**Имзои д.и.ф., профессор С.Раҳматуллозодаро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишонӣ: 734013, Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ш. Душанбе,к. Беҳзод 25 Абдуллоев Ш.

тел: (+ 992 37) 2-27-59-38.

Сомонаи расмӣ: www.kumitaizabon.tj;

E-mail: info@kumitaizabon.tj;

**Имзои д.и.ф., профессор Н. Гадоевро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси

ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Нишонӣ: 734003, ҶТ, ш. Душанбе,

хиёбони Рудакӣ 121

тел.: (+ 992 37) 2-24-13-83.

Сомонаи расмӣ: www. tgpu. tj;

E-mail: info@ tqpu.tj Мустафозода А.

3.04.2023